**МУРОД НИЁЗӢ**

# НАЗАРИ НЕК

Душанбе
2009

**Мурод Ниёзӣ. Назари нек**. (Маҷмӯаи шеърҳо).
– Душанбе, 2009, 48 саҳ.

М. Ниёзӣ омӯзгор аст, вале чандест, ки шеърнависиро низ пеша интихоб кардааст. Ашъораш дар мавзӯъҳои гуногун эҷод шуда, моломоли панду андарзанд, ки қазовати онро ба хонанда пешкаш менамоем.

***Ватан, дар пеши пои ту бимирам,***

***Бувад ишқат ниҳон андар замирам.***

***Надорам даъвии шоиршавӣ ҳеҷ,***

***Қалам бар даст аз меҳри ту гирам.***

# ҒАЗАЛИ ОМӮЗГОР

Умрест, ки эй дӯстон, омӯзгорӣ мекунам,
Бо нархи умру нархи ҷон омӯзгорӣ мекунам.

Дар чорсӯи зиндагӣ то баччае ҳарфу савод
Омӯзаду гардад равон, омӯзгорӣ мекунам.

Чун офтоби зарфишон то зарфишониҳо кунад
Ояндаи насли ҷавон, омӯзгорӣ мекунам.

Дониш чароғи равшан аст,
касро зи бад он ҷавшан аст,
То он бувад партавфишон, омӯзгорӣ мекунам.

Гуфтору рафтори накӯ бошад шиорам умрбод,
«Некӣ бимонад ҷовидон», омӯзгорӣ мекунам.

## ҒАЗАЛИ САРБОЗ

Эй Ватан, меҳрат ба дил дорем мо,
Тухми меҳрат ҳар куҷо корем мо.

Бе муҳаббат, бе камоли эътиқод
Гом дар хокат набигзорем мо.

Устувор андар вафову меҳри худ
Хешро з-они ту бишморем мо.

Сарҳадатро ҳифз рӯзу шаб кунем,
Салла гӯӣ, калла меорем мо.

Сулҳ бошад то ки дар ту пойдор,
Ҷони худро балки биспорем мо.

Ҳар куҷо бо сарбаландии зиёд
Парчамат боло бубардорем мо.

## КӮЛОБ

Кӯлоб, туро ба ҷон парастам,
Аз ишқу муҳаббати ту мастам.

Аз бахти баланд, бо ту афтад
Моҳии тило фақат ба шастам.

Худ мардуми сарбаланд дорӣ,
Бошанд ҳамеша сарпарастам.

Дар рӯзи мусибатеву андӯҳ
Соҳибназаре гирифт дастам.

Бе ту нафасе намекашам ҳеч,
То мурдани хеш бо ту ҳастам.

## ДУШМАНӢ ВА ДӮСТӢ

Душманӣ ранҷ оварад,
Дӯстӣ ганҷ оварад.

Душманӣ шармандагист,
Дӯстӣ пояндагист.

Душманӣ аз феъли бад,
Дӯстӣ аст аз хирад.

Душманӣ – оворагӣ,
Дӯстӣ – ғамхорагӣ.

Душманӣ – ин бандагист,
Дӯстӣ осудагист.

## СУЛҲ

Озодии мову ман зи сулҳ аст,
Пирӯзии анҷуман зи сулҳ аст.

Сулҳ аст давои ҷумла ғамҳо,
Беғуссаву дард тан зи сулҳ аст.

Ширинсуханон, ки ғамзудоянд,
Ширинии ҳар сухан зи сулҳ аст.

Лабханда кунад зи сулҳ кӯдак,
Гулхандаи ҳар чаман зи сулҳ аст.

То зиндаӣ, сулҳҷӯ бимонӣ,
Ободии ин Ватан зи сулҳ аст.

## КИТОБ

Дӯсти дидаро бошад китоб,
Бетамаъ мушкилкушо бошад китоб.

Гар вабои давр нодонӣ бувад,
Нестсози ин вабо бошад китоб.

Мекушояд фикри одамро, яқин,
Ғамзудою ғамрабо бошад китоб.

Мерасад бар қуллаи мақсад мудом,
Ҳар касеро ошно бошад китоб.

## ВАТАН

Хонаи ободи мой, эй Ватан,
Рӯзгори шоди мой, эй Ватан.
Аз рухат табъам ба ҷавлон омада,
Манбаи эҷоди мой, эй Ватан.

Бо ту бошам сарбаланду некном,
Аз ту ояд бар забони ман калом.
Хуни нофи ман, ки дар ту рехта,
Саҷда меорам ба хокат субҳу шом.

Шукри ин обу ҳавоят мекунам,
Сарф умрам аз бароят мекунам.
Лаҳзаи сахтӣ агар лозим шавад,
Ҷону дилро ман фидоят мекунам.

# МОДАР

Туро модар калон карда,
Ба поят раҳравон карда,
Биёбӣ то ки шаъну шон,
Туро соҳибзабон карда.
Агар қадраш намедонӣ,
Пушаймон мешавӣ рӯзе.

Туро гаҳворачунбон буд,
Ба ҷону дил нигаҳбон буд.
Накарда мижа таҳ то рӯз,
Ғамаш аз ту дучандон буд.
Агар қадраш намедонӣ,
Пушаймон мешавӣ рӯзе.

Магар пиндоштӣ боре?
Ба пои ту халад хоре.

Халад дар дил варо гӯё,
Кашида ранҷи бисёре.
Агар қадраш намедонӣ,
Пушаймон мешавӣ рӯзе.

Кунун, ки пир гардидаст,
Сараш чун шир гардидаст.
Ба кунҷе бемадору суст
Вай аз тақдир гардидаст.
Агар қадраш намедонӣ,
Пушаймон мешавӣ рӯзе.

Ба олам ҳарчӣ ҳасту буд,
Пас аз оташ бимонад дуд.
Бирав, дасти варо мегир,
Пушаймонӣ надорад суд.
Агар қадраш намедонӣ,
Пушаймон мешавӣ рӯзе.

## БА МАКТАБ РАВ

Ҳаёти шодмон хоҳӣ, ба мактаб рав,
Дурахши ҷовидон хоҳӣ, ба мактаб рав!

Замон аз илму аз дониш биёбад зеб,
Ту зеби ин замон хоҳӣ, ба мактаб рав!

Саводомӯз кас фарзона мегардад,
Агар шаъневу шон хоҳӣ, ба мактаб рав!

Чу фатҳи қуллаи мақсад бувад мушкил,
Агар ки фатҳи он хоҳӣ, ба мактаб рав!

## РУБОИЁТ

Эй дӯст, дар ин дайри куҳан як нафасем,
Гаҳ оташу гаҳ гулеву гаҳ хору хасем.
Азбаски вафо надорад ин даҳр ба кас,
Хуб аст ба қадри якдигар мо бирасем.

* * *

Бояд, ки ҳама ин Ватан обод кунем,
З-ободии он хотири худ шод кунем.
То гом ба оянда гузорем баҷо,
Аз мардуми бигзаштаи худ ёд кунем.

* * *

Дар кишвари ишқ дилҷавон бояд буд,
Бо сӯзу гудоз пуртавон бояд буд.
Дар кашмакаши зиндагии сангиндил
Боқудрату зӯру паҳлавон бояд буд.

* * *

Одобу тамиз дар сухан мебошад,
Бишкуфта гуле зеби чаман мебошад.
Бегонагӣ аз мардуми кишвар хуш нест,
Хушбахт касе, ки дар Ватан мебошад.

* * *

Аз ёр ба ҷуз ҷафо надидам ҳаргиз,
Аз умри давон вафо надидам ҳаргиз.
Ҷуз номи накӯ, ки ҷо ба дилҳо монад,
Ҷовид аз ибтидо надидам ҳаргиз.

* * *

Боре бишунав ҳикоятам, дӯст, биё,
Бемораму бар аёдатам, дӯст, биё.
Бас бекасу бошаҳоватам бе рухи ту,
Бо рӯи ту босаодатам, дӯст, биё.

* * *

Дар гӯш бигир, эй писар, панди падар,
Бардор сар аз хоб ту ҳар субҳи саҳар.
Умрат гузарад агар ба некӯкорӣ,
Некӣ бидиҳад умри туро умри дигар.

* * *

Эй ҷону ҷигар, ҷону ҷигар, модари ҷон,
Эй нури басар, нури басар, модари ҷон.
Сад оҳ ба оҳи ту наарзад ҳаргиз,
Эй давлати сар, давлати сар, модари ҷон.

* * *

Аз дидани ту, ёр, дилам шод шавад,
Бо ту дилам аз банди ғам озод шавад.
Ин хона маро бе ту чӣ тангу тор аст,
Боз ой, даме хонаам обод шавад.

* * *

Шукрона, ки боз навбаҳор омадааст,
Гулҳои замона шашқатор омадааст.
Аз дидани сарҷамъии ёрони париш
Дилҳои ғамин ба як қарор омадааст.

* * *

Дай рафту баҳори тозарӯ омад боз,
Мурғи дили ман ба гуфтугӯ омад боз.
Омад хабаре, ки нозанин аз сари сидқ
Имрӯз маро ба ҷустуҷӯ омад боз.

## МУАЛЛИМ

Ту зеби давру давронӣ, муаллим,
Ту фахри ҷумла инсонӣ, муаллим.
Ҷаҳон тор аст бе нури саводат,
Чу нури шеди тобонӣ, муаллим.

Муаллим, раҳнамои мо туӣ, ту,
Муаллим, раҳкушои мо туӣ, ту.
Агар ҷаҳл аст чун ғам дар дили мо,
Муаллим, ғамрабои мо туӣ, ту.

Ту кони панду андарзӣ, муаллим,
Хироҷи даҳрро арзӣ, муаллим.
Чу шогирде агар нашнуфт пандат,
Чу барги бед меларзӣ, муаллим.

Муаллим, дарси ту дунё гирифта,
Ба ҳар дил меҳри ту маъво гирифта.
Хуш он рӯзе, ки бинам, аз ҳама беш
Муаллим, қадри ту боло гирифта!

## ШАҲРИ МАН

Шаҳри ман – ин нури имони ман аст,
Обу донаш қуввати ҷони ман аст.
Неку бадро ман зи ӯ омӯхтам,
Шаҳри ман-ин худ дабистони ман аст.

То фалакҳо бурдаӣ авҷи «Фалак»,
Гашта машҳурӣ ту бо Кони намак.
Ҳар кӣ меҳмонат шавад, бегуфтугӯ,
Иззаташ бар ҷо биёрӣ то фалак.

Шаҳри ман, эй шаҳри дунёи куҳан,
Васфи ту доим сароям дар сухан.
Гар ҳама рӯи ҷаҳонро биспарам,
Аз туам оғоз меёбад Ватан.

# УСТОД

Ҳамеша ӯ азизу мӯътабар бод,
Ба рӯи дидаҳо бологузар бод!

Зи хотирҳо намегардад фаромӯш
Ки аз неку бади мо бохабар бод!

Чунон меҳраш ба дилҳо ҷо гирифта,
Ки доим сураташ пеши назар бод!

Ба рӯи дафтари пур аз хатоҳо
Нахуспида нишаста то саҳар бод!

Ба роҳи рост роҳӣ то бигардем,
Ба ҳар мушкил ба мо ӯ роҳбар бод!

Ба дунё пайраваш ҳастем доим,
Ба дида хулқи некаш ҷилвагар бод!

Набишнидӣ, ки дар васфаш бигуфтанд:
«Ки ҷабраш беҳ зи андарзи падар бод!»

## ДУБАЙТИҲО

Бароям пешаи ман ҳаст дилбар,
Манам дар сӯхтанҳо чун Самандар.
Туву савдогариву чоплусӣ,
Ману бедориву тафтиши дафтар.

* * *

Басо шогирд, ки устод гардад,
Басо устод, ки беёд гардад.
Хуш он рӯзе, ки аз шогирдҳоям,
Кунад ёдам якеву шод гардад.

* * *

Бароям ҷону ҷонон аст мактаб,
Надорам ғайри мактаб ҳеҷ матлаб.
Ҳамин кофист, к-устодам бигӯянд,
Маро болотар аз ин нест мансаб.

* * *

Касе дар олами тифлона бошад,
Барояш бухлу кин бегона бошад.
Хушо, дар ҳалқаи тифлон мудомам,
Ки рангин он зи сад афсона бошад.

* * *

Бувад бархе, ки худ нафъе надоранд,
Ба дилҳо тухми нафратро бикоранд.
Шитобон ҳар саҳар оям ба мактаб,
Маро шогирдҳоям интизоранд.

* * *

Бувад мактаб бароям хонаи меҳр,
Ки он ҷо нест як бегонаи меҳр.
Ба шогирдон биёмӯзам ҳамеша,
Ки то коранд ҳар ҷо донаи меҳр.

* * *

Сафои зиндагӣ аз хондани туст,
Вафои зиндагӣ аз хондани туст.
Вабои зиндагӣ нохондани ту,
Бақои зиндагӣ аз хондани туст.

* * *

Ба мактаб рав, ки доно мешавӣ ту,
Зи дониш сар ба боло мешавӣ ту.
Тавоноят чун ҳар кас, ки доност,
Ба мактаб рав, тавоно мешавӣ ту.

* * *

Ҷадал кун, обрӯи ин Ватан бош,
Гули рӯи сабад дар анҷуман бош.
Чу дар дил афтадат ишқи равонсӯз,
Вафодоре ба мисли Кӯҳкан бош!

* * *

Ба зебоӣ ту якто, Тоҷикистон,
Ту болоӣ зи дунё, Тоҷикистон.
Набидҳам зарраи хоки туро ман
Ба садҳо кони тилло, Тоҷикистон.

* * *

Туро, эй Тоҷикистон, дӯст дорам,
Туӣ ҳар дард дармон, дӯст дорам.
Бароям ҷон бубахшад ҳар гиёҳат,
Туро болотар аз ҷон дӯст дорам.

* * *

Ватан-сарчашмаи ишқу муҳаббат,
Ватан-сарчашмаи меҳру садоқат.
Куҷо бахту саодат бе Ватан бод,
Ватан-сарчашмаи бахту саодат!

* * *

Ватан бошад ҳама зӯру мадорам,
Ватанро ҳамчу модар дӯст дорам.
Зи рӯи меҳри беандоза пешаш,
Диламро рӯи дастам мегузорам.

## БАҲОР

Сад шукр, баҳор омад,
Бар қалби фигор омад.

Бас дилкашу дилҷӯе
Монанди нигор омад.

Ин олиҳаи зебо
Бар асп савор омад.

Бингар, ба лаби ҷӯбор
Себарга қатор омад.

Уммедниҳоли мо
Имрӯз ба бор омад.—

Дунёст ба кор обод,
Кор аз пайи кор омад!

## НАВРӮЗ

Шукрона, ба Наврӯз расидем зи нав,
Гулҳои уммедро бичидем зи нав.
Онон, ки гузаштанду ба Наврӯз наянд,
Сад ҳайф, ки рӯяшон надидем зи нав.

Наврӯз шуду биё, тамошо биравем,
Бар домани дашту кӯҳу саҳро биравем.
Мурғон шуда ҷуфту дар ҳаво бизикунон,
Бар сайри чаман биё ту, якҷо биравем.

Эй дӯст, бихезу базми Наврӯз биё,
Бе дарду ғамеву бе табу сӯз биё.
Бигзаштаву оянда зи хотир ту барор,
Дар фикри дурахшонии имрӯз биё.

Наврӯзи Шумо бод муборак, ёрон,
Рахшанда бимонед чу «Норак», ёрон!
Гулҳо, ки қатори дар қатор имрӯзанд,
Шодии Шумо бод қаторак, ёрон!

## ЗАН

Зан зеби замон, зеби замон, зеби замон аст,
Зан роҳати ҷон, роҳати ҷон, роҳати ҷон аст.

Зан чашмаи нуру хираду чашмаи ҳастӣ,
Дар рӯи ҷаҳон, рӯи ҷаҳон, рӯи ҷаҳон аст.

Олам ҳама бе шӯълаи ӯ тор бувад, тор,
Зан нурфишон, нурфишон, нурфишон  аст.

Ҳар рӯзии мо аз кафи дастони зан астӣ,
Зан рӯзирасон, рӯзирасон, рӯзирасон аст.

То ҳаст нафас, қадри занонро бишиносем,
Зан роҳати ҷон, роҳати ҷон, роҳати ҷон аст!

## БЕАДАБ

Ҳамсояе дорем аҷаб—
Хуршеди бобои Раҷаб.

Дарсаш фаромӯш кардааст,
Дорад фақат базму тараб.

Гӯё ба хона нею ӯ
Бошад ба саҳрои Араб.

Овози созаш то фалак,
З-он хаста мегардад асаб.

Кайҳо фаромуш кардааст,
К-ӯ дур мондаст аз адаб!

# ҶАВОНӢ

Ҷавонӣ олами бекина бошад,
Сафобахше чу як оина бошад.
Ҷавони тозакору тозарӯ бош,
Магӯ ҳарфе, ки он порина бошад.

Ҷавонӣ қуввату зӯру тавон аст,
Ҷавон зебандаи давру замон аст.
Валекин дар миёни навҷавонон
Ҳамон беҳ, ки ҷавони кордон аст.

Ҷавонӣ давраи рахшанда бошад,
Лабонат доимо пурханда бошад.
Ҳамеша кӯш, н-ой аз адаб дур,
Ҷавонӣ бо адаб зебанда бошад.

# ПАНД

Писарҷон, гӯш андарзи падар кун,
Саросар гуфтаҳоямро зи бар кун!

Нагардӣ тири нафратро нишона,
Раҳу рафтори ноҷоят дигар кун!

Накӯрафтору хушгуфтор мебош,
Зи ҳарфи бад, зи кори бад ҳазар кун!

Агарки ҳамраҳат ноаҳл бошад,
Худатро дур з-ин сон ҳамсафар кун!

Зи дониш баҳравар мегард доим,
Бинои ҷаҳлро зеру забар кун!

Ҳамеша ҳурмати пирон ба ҷо ор,
Адабро то тавонӣ, тоҷи сар кун.

«Якеро сад магӯ, садро яке гӯ»,
Суханро байни мардум мухтасар кун!..

Бигирӣ то дуои мӯсафедон,
Ба эшон хизмате шому саҳар кун!

## МУНДАРИҶА

Ғазали омӯзгор ................................ 4
Ғазали сарбоз ................................ 5
Кӯлоб ................................ 6
Душманӣ ва дӯстӣ ................................ 7
Сулҳ ................................ 8
Китоб ................................ 9
Ватан ................................ 10
Модар ................................ 11
Ба мактаб рав! ................................ 13
Рубоиёт ................................ 14
Муаллим ................................ 18
Шаҳри ман ................................ 19
Устод ................................ 20
Дубайтиҳо ................................ 21
Баҳор ................................ 26
Наврӯз ................................ 27
Зан ................................ 28
Беадаб ................................ 29
Ҷавонӣ ................................ 30
Панд ................................ 31

## МУРОД НИЁЗӢ

## НАЗАРИ НЕК
(Маҷмӯаи шеърҳо)

Ба матбаа 14.01.09 супурда шуд. Чопаш 20.01.09 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 2. Андозаи 60х84 1/16. Адади нашр 500 нусха.